# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисос, номзади илм (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии №____________________________**

Барои сазовор донистани Сафарзода Зайнудин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ.

Диссертатсия дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, санаи 30 марти соли 2026 протоколи №6 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ аз 26 апрели соли 2024 № 146/шд таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаб Сафарзода Зайнудин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, 10 –уми январи соли 1956 дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон таваллуд шудааст, соли 1980 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (собиқ Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон) факултети зооинженериро бо ихтисоси «Зооинженерӣ” бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 1991 Донишкадаи сиёсатшиносӣ, роҳбарии Тошканд ва соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносиро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 1973 фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси коргари савхози “Кангурт”- ноҳияи Темурмалик оғоз намуда, солҳои 1974-1975 муҳандиси идораи ноҳиявии пиллахушкунии ноҳияи Темурмалик, солҳои 1976-1981 зоотехники иттиҳодиявии зотпарварии ноҳияи Восеъ, солҳои 1981-1983 инструктор, котиби шуъбаи мактабҳо, котиби дуюми кумитаи комсомолии ноҳияи Темурмалик, солҳои 1983-1987 котиби якуми кумитаи комсомолиии ноҳияи Ховалинг, солҳои 1991-1992 инструктори шуъбаи комплекси агросаноатии Кумитаи ҳизбиии вилояти Кӯлоб, солҳои 1992-1994 мудири шуъбаи амволи давлатии Ҳукумати ноҳияи Ховалинг, солҳои 1994-1996 ҷонишини директори генералии Ҷамъияти Саҳомии “Кангурт” –и ноҳияи Темурмалик, солҳои 1996-2000 мушовири калони Кумитаи маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати аграрӣ, озуқа ва шуғли аҳолӣ, солҳои 2000-2001 сармутахассиси шуъбаи комплекси агросаноатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2001-2006 муовини аввали директори

Агентии таъминоти амволи махссуси назди Вазорати иқтисод ва савдои ҶТ, солҳои 2006-2009 раиси Кумитаи иҷроияи аграрии шаҳри Душанбегии ҳизби аграрии Тоҷикистон, солҳои 2010-2013 муовини якуми директори Агентии таъминоти амволи махссуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013-2025 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, панҷум, ва шашум фаъолият кардааст.

Солҳои 2021-2024 унвонҷӯи шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон буд. Аз соли 2024 то инҷониб дар вазифаи ходими калони илмии шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Амиршозода Файзулло Сафар, доктори илмҳои биологӣ, дотсент, аъзои вобастаи АИКТ, ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Рӯзибоев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангаронии Институти илмӣ тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Ҷӯрабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег, номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур . Ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:** Институти илмӣ - тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Қирғизистон дар хулосаи мусбии худ, ки онро эксперт Турдубаев Таалайбек Женешович - доктори илмҳои кишоварзӣ, қайд шудааст, ки аз рӯйи муҳимият, навгонии илмии тадқиқот, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267-и тасдиқ гардидааст, ҷовобгӯ буда, муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси: 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дорои 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Интишороти асосӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. **Сафарзода, З.** Тағйирёбии нишондиҳандаҳои гематологии хун ва хусусиятҳои мубодилаи газу энергия дар буққачаҳои ирсияташон гуногун / С. Иззатуллоев, В.И. Косилов, А.А. Файзуллоев, З. Сафарзода // Гузоришҳои АИКТ, №4 (78) 2023, С. 57-62.
2. **Сафарзода, З.** Хусусиятҳои морфологӣ ва химиявии гӯшти буққачаҳои таҳқиқотӣ / А.А. Файзуллоев, Т.Б. Рӯзиев, М.А. Қосимов, Х.Д. Абдуллоев, З. Сафарзода // Гузоришҳои АИКТ, №4 (78) 2023, С. 67-72.
3. **Сафарзода, З.** Нишондиҳандаҳо сифатии гӯшти буққачаҳо ҳангоми хӯронидани кунҷораи зағир / Н.Р. Ғиёсов, З. Сафарзода, Г.Н. Мирзоева, Ҳ.Ҳ. Рофизода // Гузоришҳои АИКТ, №3 (81) 2024, С. 92-96.
4. **Сафарзода, З.** Афзоиши мутлақ ва интенсивии ҷавонаҳо ҳангоми дурага намудани буққаҳои сарсафеди қазоқӣ бо говҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ /З. Сафарзода // Гузоришҳои АИКТ, №3 (81) 2024, С. 117-122.
5. **Сафарзода, З.** Самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳои дурагаи зоти қазоқии сарсафед бо говҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ / З. Сафарзода, Ф.С. Амиршоев // Маҷмӯи мақолаҳои Конференсияи илмию амалии байналмилалии Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзӣ дар мавзӯи “Рақамикунонӣ дар соҳаи кишоварзӣ омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ”, Душанбе – 2024. С. 112-115.
6. **Сафаров, З.** Использование льняного жмыха при выращивании и откорме бычков / Н.Р. Гиёсов, З. Сафаров, Г.Н. Мирзоева // Институт развития сельского хозяйства. г. Краснодар, Бульварное Кольцо, 17., Журнал эффективные животноводство №2 (199) март 2025. стр.89-91. (включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).
7. **Сафаров, З.** Рост и развития бычков таджикской черно-пестрой породы при скармливании льняного жмыха» / З. Сафарзода, Н.Р. Гиёсов, Г.Н. Мизоева, Х.Х. Рофизода // Научно-практический журнал Животноводство №2, (18) 2024., стр.47-56.
8. **Сафаров, З.** Аломат ва хусусиятҳои маҳсулнокӣ, сифати гӯшти ҷавонаҳои зоти алои тоҷикӣ ва вобастагии он аз иловаҳои хӯрокӣ / З.

Сафаров, Н.Р. Ғиёсов, Г.Н. Мирзоева // Маҷаллаи чорводорӣ №3, (19) 2024, саҳ.49-54.

9. **Сафаров, З.** Селекционная оценка бычков мясных направлении по продуктивности и среднесуточном привесе в Республики Таджикистан / З. Сафарзода, Ф.С. Амиршоев // Сборник материалов Международной научной конференции «Инновационные технологии развития сельского хозяйства в новом Узбекистане» Республика Узбекистан, Научный вестник, ФерГУ, 2025, С. 515-521.
10. **Сафарзода, З.** Нишондодҳои клиникии организми буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда / З. Сафарзода, Ф.С. Амиршоев // Конференсияи илмию амалии байналмилалии Институти тибби ветеринарӣ дар мавзӯи “Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ”, Душанбе – 2025, С. 205-209.

Дар мақолаҳои чопшуда натиҷаи тадқиқоти илмӣ доир ба сифатҳои гӯштии чорво, рушди намӯи ҷавонаҳо, нишондиҳандаҳои клиникии организми букққачаҳо, самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳои дурагаи зоти қазоқии сарсафед бо говҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб оварда шудааст.

Тадқиқоти мазкур ба гузаронидани корҳои илмӣ оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи чорвои гӯштӣ дар давраи онтогенез, сифатҳои гӯштӣ ва пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун ва самаранокии иқтисодии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб равона карда шуддааст.

Ба диссертатсия ва автореферат 7 тақризи мусбӣ ворид шудааст аз:

1. Иолчиев Байлар Садраддинович - доктори илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи такрористеҳсокунии биологии чорвои кишоварзии Муассисаи давлатии федералии илмии буҷҷавии Институти умумирусиягии илмӣ-тадқиқотии зотпарварӣ (Россия) эрод надорад;

2. Мадрахимов Шодлик Назарович - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсенти филиали Нуксии Донишгоҳи давлатии тибби ветеренарӣ, чорводорӣ ва биотехнологияи шаҳри Самарақанди Ҷумҳурии Узбекистон. эрод надорад;

3. Икромӣ Фазлиддин Маҳмадзоит – номзади илмҳои кишоварзӣ, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

муовини раиси Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин; эрод надорад;

4. Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ; эрод надорад;

5. Амиров С.Х - номзади илмҳои ветеренарӣ, мудири кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хурокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; эрод надорад;

6. Каримзода Акобир Изатулло – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвон ба номи академик Сафаров Ҳ.М. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; эрод надорад;

7. Мирзоаҳмадов Шоаҳмад Раҷаматович – доктори илмҳои ветеренарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; эрод надорад;

Дар тақризҳо мубрамии мавзӯи тадқиқот, навгонии илмӣ, мақсад ва вазифаҳои илмӣ, аҳамияти илмию истеҳсолии он зикр гардида, ҳамчунин қайд шудааст, ки диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар дараҷаи баланди методӣ иҷро шуда, кори илмии анҷомёфта аст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ арзанда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо бо дастовардҳо ва интишороти илмиашон оид ба масъалаи афзоиши рушд ва инкишофи чорвои калони шохдорӣ генотипашон гуногун, қобилияти фарбеҳшавии чорво, омӯхтани нишондиҳандаҳои микдорию сифатии маҳсулнокии гӯштии буққачаҳо, нишондодҳои биохимиёвии хун ва инчунин самаранокии иқтисодии парвариши чорво дар шароитҳои гуногун корҳои илмӣ гузаронидаанд ва натиҷаҳои он дар мақолаҳои илмӣ чоп гардидааст ва бинобар ҳамин метавонанд диссертатсияро аз рӯйи мубрамӣ, аҳамияти илмию амалии он холисона баҳо диҳанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:

**- коркард карда шуд** консепсияи илмӣ оид ба омӯхтан ва амали гардонидани усулҳои селексионии мукаммал гардонидани маҳсулнокии чорвои гӯштӣ, сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси

дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- пешниҳод шудааст** хулосаҳои илмӣ вобаста ба гузаронидани корҳои селексионӣ оид ба дурагакунии говҳои популятсияи маҳаллӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб ва дар ин асос баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии буққачаҳо;

**- исбот шудааст** зарурияти истифода намудани усули селексияи дурагакунии дар истеҳсолот ва имконияти он дар баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии чорвои маҳалӣ;

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки: исбот намудани** имконияти истифода намудани усулҳои селексионӣ дар самти дурагакунии говҳои маҳаллӣ бо буққачаҳои зоти қазоқии сарсафед ва дар ин асос зиёд гардонидани истеҳсоли гӯшт, инчунин баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хоҷагидорӣ;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок истифода бурдани** маҷмӯи усулҳо ва методҳои муосири базавии мавҷудбудаи тадқиқоти илмӣ ва таҳлилҳои дар соҳаи илмҳои чорводорӣ истифода мешуда. Дар рафти тадқиқот усулҳои маъмули таҳқиқи зоотехникӣ - рушду инкишоф, маҳсулнокии гӯштӣ, сифати гӯшт, таркиби химиявии гӯшт, сифати пӯст, нишондодҳои клиникии организм истифода шудаанд;

**- баён шудани** исботи гузаронидани корҳои селексионӣ оид ба дуругакунии чорвои популятсияи маҳаллӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб ва аҳамияти илмию истеҳсолии он. Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳо даромади ҳар як буққаи дурага бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар синни 18 моҳагӣ дар муқоиса бо буққаи беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 24,7% зиёдтар буд. Дар синни 24 моҳагӣ фарқият мутаносибан ба 38,5% ташкил дод.

**- ошкор гардидани** мақсаднок ва самаранокии истифодаи усули селексияи дурагакунии генотипҳои гуногун мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии чорвои маҳалии беҳкардашуда;

**- омӯхта шуданд** хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф, маҳсулнокии гӯштӣ, сифати гӯшт ва пӯст, истифодаи самарабахши дурагакунии байни генотипҳои гуногун дар шароити парвариши чорво дар чарогоҳҳо;

**- аз нав такмил додани** усулҳои баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии чорвои гӯштӣ;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки коркард ва ҷорӣ карда**

**шудаанд** тавсияҳо оид ба баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии чорвои популятсияи маҳалӣ бо усули дурагакунии онҳо бо буққаҳои наслии қазоқии сарсафед дар хоҷагии деҳқонии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ шудааст. Инчунин натиҷаи маводҳои корҳои илмӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз рӯйи фанҳои тахассусии донишгоҳҳо оид ба зоотехнияи ҷузъӣ, парвариш, селексия ва генетика истифода мешаванд.

- **муайян карда шуд** зарурият ва аҳамияти дар истеҳсолот истифода намудани усули селексияи дурагакунӣ дар баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии чорвои гӯштӣ;
- **офарида шуд** имконияти дуругакунонӣ доир бо усули баланд бардошгтани маҳсулнокии гӯштии чорвои генотипашон гуногун;
- **муаррифӣ карда шуд** хулосаҳо доир ба натиҷаҳои корҳои илмӣ оид ба такмил додани истифодабаррии дурагакунии чорво нисбати баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии чорвои гӯштӣ;
- **пешниҳод карда шуд** тавсияҳои илман асоснокгардида оид ба истифодабарии усулҳои самарабахши селексионии дар системаи баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои гӯштӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ** натиҷаҳо бо истифода усулҳои селексионии дар зоотехния қабулгардида, инчунин дар дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои сертификатдор ба даст омадаанд, андозагузориҳо асоснок шуданд, натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот бо натиҷаҳои тадқиқотҳои олимони соҳа доир ба мавзӯъ мувофиқат мекунанд;

- **назария** дар асосҳои илман асаснокшуда омода шудааст ва натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои интишоршудаи мавзӯи диссертатсия ҳамоҳанг мебошанд;
- **ғоя асоснок шудааст** дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оиди баланд бардоштани микдор ва сифатҳои махсулнокии чорвои гӯштии гентипашон гуногун;
- **истифода шудаанд** муқоисаи натиҷаҳои муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада бо гуфтаҳои адабиёти пешин оид ба мавзӯи диссертатсия;
- **муайян шуданд** миқдоран ва сифатан муввофиқат кардани натиҷаҳои ба дастомадаи муаллиф бо манбаҳои холис, ки аз рӯйи мавзӯи мазкур оварда шудаанд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;
- **истифода карда шудаанд** методикаҳои муосири гузаронидани корҳои илмӣ, ҷамъоварии маълумотҳои бадастомада ва коркади он бо усули математикии омори вариатсионӣ (Плохинский Н.А., 1970) бо истифодаи барномаи компютерӣ Microsoft office Excel.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Довталаб бо роҳбари илмӣ самт, мақсад ва методикаи тадқиқотро таҳия намудааст. Шахсан ва мустақилона дар мавзӯъи интихобшуда ҷустуҷӯи манбаъҳои адабиётҳоро гузаронида, дар хоҷагӣ гурӯҳҳои буққаҳои гӯштии насли сарсафеди қазоқӣ ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ташкил намудааст. Таҷрибаҳо оид ба омӯзиши вазни зинда, баҳодиҳии намуди беруна (экстерьер), конститутсия, маҳсулнокӣ, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва хусусиятҳои хоҷагидорӣ, самаранокии иқтисодӣ, тарҳрезии диссертатсия ва автореферaтро гузаронидааст.

Дар ҷаласаи 26 июни соли 2026 шурои диссертатсонӣ қарори сазовор донистани Сафарзода Зайнудин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои Диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 9 , муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор- нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Раҳимов Шарофҷон Тоирович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ — Шералиев Фируз Ҷалолович

26 июни соли 2026